**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02. 01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод мегардад.**

«Таърихи Систон» яке аз асарҳои арзишманди таърихӣ маҳсуб ёфта, ҷиҳати таҳқиқи забони адабии форсии тоҷикии садаҳои X-XI сарчашма ё манбаи муҳиммеро мемонад, ки муаллифи он дар баёни андешааш бештар такя ба таркиби луғавии забони дарии тоҷикӣ намуда, маводи марбут ба ономастикаро фаровон корбурд намудааст. Асари мазкур ба омӯзиши забону адабиёти форсии садаҳои IX-XI манбаи муҳим маҳсуб ёфта, ҷойномҳо дар он ҷойгоҳи хоссаро касб кардаанд.

Мутолиаи автореферати диссертатсияи мавриди назар нишон медиҳад, ки Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод ковишҳои зиёде намуда, дар заминаи маводи фаровони ономастикии асари таърихӣ таҳқиқоти худро ба анҷом расонидааст. Аз рӯйи мундариҷаи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки пажуҳиш аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб ва ҳар боб аз чанд фаслу зерфасл таркиб ёфта, хулоса, феҳрасти адабиёт ва замима иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуи илмӣ ва дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назарӣ, методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ зикр шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Баррасии марҳалаҳои рушди ономастика дар забоншиносӣ» унвон дошта, фарогири 4 фасл аст ва дар фаслҳои марбута ҷиҳатҳои назариявӣ ва дараҷаи омӯзиши онҳо дар

марҳилаҳои гуногуни инкишофи ономастика дар кишварҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили ономастикаи асар аз нигоҳи мавзуот» унвон дошта, фарогири 3 фасл аст ва дар фаслҳои марбута ба гурӯҳҳои антропонимҳо ва топонимҳо дастабандӣ гардидани маводи ономастикии асар сурат гирифта, дараҷаи корбурди онҳо нишон дода мешавад.

Боби сеюми диссертатсия «Баррасии сохторӣ ва мансубияти забонии номвожаҳои асар» унвон дошта, фарогири 2 фасл аст ва дар фаслҳои марбута доир ба сохтор ва мансубияти забонии маводи ономастикии асар сухан меравад.

Хулосаи диссертатсия ва натиҷагирии он мувофиқи маълумоти фишурдаи он дар 15 банд ҷамъбаст шуда, ҳар яке аз онҳо натиҷагирӣ ва дастовардҳои илмии фаслу бобҳои диссертатсияро бозгӯйӣ намудаанд.

Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 8 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва 3 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд.

Дар баробари дастовардҳо дар матни автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки овардани онҳо дар корҳои баъдии диссертант муфид хоҳад буд:

1. Дар таҳқиқот фасле доир ба вижагиҳои услубии ҷойномҳо ҷудо мегардид ва ин паҳлуи масъала низ равшанӣ меёфт, беҳтар мебуд.

2. Баъзе фаслу зерфаслҳо бе натиҷагирӣ ҷамъбаст шудааст, агар онҳо бо бо ду-се ҷумла натиҷагирӣ мегардид, боз арзиши илмии кор фузун мегардид.

3. Дар матни автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, техникӣ дида мешавад (саҳ.4, 5, 7...)

Ин камбудиҳо, албатта, ҳусни рисоларо намекоҳонанд ва зуд ислоҳ шавандаанд.

Дар маҷмуъ, аз рӯйи маводи фишурда, ки ба ду забон аст, ба чунин андеша омадан мумкин аст, ки диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ савовор мебошад.

**МУҚАРРИЗ:**
мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав», номзади илмҳои
филологӣ, дотсент Назаров Меҳрубон Ниёзмадович

**Нишонӣ:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Кӯшониён,
ҷ/д, Бӯстонқалъа, деҳаи Вахшруд, хонаи 42.
Тел: +992 902017676, Email: nazarov.mekhrubon@list.ru

**«Имзои Назаров М.Н.-ро тасдиқ мекунам»:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Исозода Тоҷиддин Исо

**Маълумот барои тамос.**
**Нишонӣ:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3322) 2-45-20, 2-22-53.
E-mail: btsu78@mail.ru.
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj.

«10» майи соли 2025